# Tajik State University of Commerce

**Course name: Introduction to Political Science**

# Week 4: Modern Political Schools and Trends. The Role of Civil Society

**Lecturer:** Abdullozoda Nurmuhammadi Aliavsat

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи фан: Муқаддимаи фанни сиёсатшиносӣ**

**МАВЗӮИ 4: Мактаб ва равияҳои сиёсии ҳозиразамон.Ҷомеаи шаҳрвандӣ.**

**Омӯзгор:** Абдуллозода Нурмуҳаммади Алиавсат

## Нақшаи лексия:

1. Муқоисаи ғоявии мактабҳои гуногуни ҳозиразамон.
2. Мактабҳои сиёсии ҳозира.
3. Марҳилаҳои асосии инкишофи афкори сиёсӣ оид ба ҷомеаи шаҳрвандӣ.

# 1. Муқоисаи ғоявии мактабҳои гуногуни ҳозиразамон

Асри XX нақши сиёсатро дар ҳама соҳаҳо - иқтисодиёт, фарҳанг, иҷтимоиёт, муносибати байни давлату миллатҳо боло бардошта, онро яке аз унсурҳои муҳими маданияти маънавӣ гардонидааст.

Акнун ҳаёти ҷомеа дар марҳилае қарор ёфтааст, ки бисёр гиреҳҳои мушкили иқтисодию сиёсӣ, илмию техникӣ, ахлоқию фарҳангиро танҳо тавассути таҳаввули сиёсӣ ҳал кардан имкон дорад.

Аз ҳамин хотир як зумра мактабу равияҳои сиёсӣ ва назарияҳое арзи вуҷуд намудаанд, ки ё ҳамдигарро комилан инкор мекунанд ва ё дар шакли дигар такрори ҳамдигаранд.

Идеяҳои сиёсии замони ҳозираро аз дигар шаклҳо бо он фарқ менамоянд, ки онҳо бо ҳамдигар бо тарзи фаҳмонидани воқеияти сиёсӣ, тарзи пешниҳоди амали сиёсӣ, ки барои нигоҳдорӣ ва ё аз байн бурдани онҳо нигаронида шудаанд, муттаҳид менамояд.

Барҷастарин намояндаи илми сиёсӣ дар охири асри X1X ва ибтидои асри XX баъди асосгузорони марксизм Макс Вебер (1864-1920) ба шумор меравад. Беҳтарин андешаҳояш дар асарҳояш «Политика как призвание и профессия», «Объективияти маърифати иҷтимоӣ–илмӣ ва сиёсӣ - маърифатӣ» инъикос намудааст. Вай сиёсатро ҳамчун кӯшиш барои ҳокимият ё таъсир расонидан ба ҳокимият ҳангоми тақсими мансабҳо чӣ дар дохили як давлат ва ё байни давлатҳо таъриф додааст.



1

1.Max Weber," The Economist, January 9, 2009, accessed September 25, 2025, https://www.economist.com/news/2009/01/09/max-weber

Карл Ясперс (1883- 1969) файласуфи немис дар асараш «Моҳият ва таъиноти таърих», «ФДР ба куҷо ҳаракат мекунад» доир ба «Озодии сиёсӣ ва пайвастагии он бо ҷомеаи шаҳрвандӣ» ва демократияи «пюралистӣ» андеша ронда, чунин аломатҳои озодии сиёсиро нишон додааст:

1. Озодии як фард танҳо ҳангоми озодии ҳама имконпазир аст;
2. Давлати ҳуқуқбунёд инсонро аз зӯрӣ ҳимоя менамояд;
3. Ба дахлнопозирии ҳуқуқҳои инсон ҳамчун шахс, ҳуқуқи дар ҳаёти сиёсӣ иштирок намудан ҳамроҳ мешавад;

4. Ирода ҳангоми қабули қарори ҳангоми мусоҳиба ҳалшуда, ташаккул меебад;

5. Озодии сиёсӣ ин демократия буда - ахлократияро роҳ намедиҳад:

6. Ҳизбҳо интихобот ва зубдагони сиёсиро ташаккул медиҳанд;

7. Ба техникаи демократия тарзи демократии ҳаёт пайваст аст;

8. Аломати асосии озодии сиёсӣ ҷудо будан аз ҷанбаҳои дигар аст.[1]

1. Н. А. Антанович и И. В. Суздалева, Политология: учебное пособие. Москва, 2005- стр.40–41.

Андешаҳои Самуэл Ҳантингтон (1927) дар асараш «Бархурди тамаддунҳо» аз он хотир муҳиманд, ки муаллиф тамоми инкишофи муносибати байни давлатҳоро аз ҷиҳати инкишофи иқтисодӣ инкишофёфтаву рӯ ба инкишоф, аз ҷониби дигар даъвоҳои ҷаҳонхоҳии Амрикоро муқобилияти ниҳонӣ бо мамлакати Аврупо медонад. То рафт авҷ гирифтани зидияти байни олами ислому ғайриисломро хуб дарк кардааст ва то андозае ҳам огоҳӣ ва ҳам омода намудани сиёсати Амрикоро бо давлатҳои ҷаҳон ба сиёсатсолорони мамлакаташ гӯшрас намудааст. Ҳангтинтон оид ба ҷаҳоншумулият ва олами бисёрқутба эътибор дода чунин андеша дорад:

1. Дар таърихи сиёсат ба ҷаҳоншумулият, бисёрқутба ва ба андешаи модернизатсиякунонӣ аз «вестернизатсиякунонӣ» - яъне паҳн намудани идеал ва нормаҳои ғарбӣ ба тамаддунигардонии куллӣ намеорад;

3\. Таносуб байни тамаддунҳо омезиш ёфта, таъсири нисбии Ғарб паст мешавад; иқтидори иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳарбии Осиё меафзояд; таркиши демографии ислом барои мамлакатҳои исломию ҳамсоягонаш омили ноороми мегардад;

4\. Низоми ҷаҳонӣ дар асоси тамаддунҳо пайдо мешавад: ҷамъиятҳои фарҳангӣ монандӣ дошта, бо ҳам ҳамкорӣ мекунанд; талоши як тамаддунро ба ҷомеаи дигар гузаронидан бе натиҷа аст; мамлакатҳо дар атрофи давлатҳои пешрафтаи ҳамтамаддун гирд меоянд;

Алҳол дар сиёсатшиносии муосир аксари равия ва мактабу назарияҳои сиёсӣ дар худ руҳи ҷомеаи дуқутба, зиддияти байни ду таълимот: марксистию буржуазӣ ва ду система - системаи сотсиалистӣ ва сармоядориро инъикос кардаанд. Масалан, таълимоти марксистӣ, ки ҳадафаш барпо намудани ҷомеаи коммунистӣ буд, ҳамрайъии кулли меҳнаткашонро новобаста ба мансубияти миллию ҳудудҳои ҷуғрофӣ талқин намуда, меҳнаткашонро, ки дар ҳама ҷо аксарияти аҳолиро ташкил медиҳанд, ба муборизаи зидди сармоядорӣ даъват менамуд.

Бар хилофи ин А. Дюги (1859-1929) назарияи «ҳамрайъӣ»- ро ба муқобили марксизм асос гузошт, ки баъдтар аз ҷониби О. Конт, Э. Дюркгейм, А.Буржуа ҳамаҷониба дастгирӣ ёфта, такмил дода шуд. Онҳо мардумро ба муборизаи инқилобӣ не, балки ба ҳамкории меҳнаткашону сармоядорон даъват менамуданд.

Назарияи дигаре, ки омма ва шахсони алоҳида, пешвоён ё зубдагонро ба ҳам муқобил гузоштанист, назарияи зубдагон аст. Асосгузори ин назария сиёсатшиносони итолиёгӣ Г. Моски (1856-1941) ва В. Парето (1848-1923) буда, сиёсатро соҳаи муборизаи ду синфи ба ҳам муқобил - аққалияти ҳукмрон (зубдагон) ва тобеони онҳо - аксарияти мутлақ (халқ) меҳисобанд.

Бо ривоҷ ёфтани ҳаёти иқтисодии давлатҳои сотсиалистӣ, афзудани нуфузи онҳо дар арсаи байналмилалӣ зиддиятҳои синфӣ тезу тунд гаштанд.

Идеологҳои буржуазӣ камбудиҳои дар дохили ин система бударо дарк намуданд ва авҷи ҳаракатҳои инқилобиро дар дохили давлатҳои тараққиёфтаи сармоядорӣ эҳсос намуданд. Илоҷе карда ин системаро нигоҳ доштан зарур буд. Аз ин хотир Д. Кейнс (1883-1946) иқтисоддони Англис, назарияи давлатӣ «хайрияи умум»-ро пешниҳод намуд, ки тибқи он бо ба низомдарории монополии давлатӣ «иллатҳои» ҷомеаро шифо бахшида, ба барпо намудани иқтисоди омехта ва нақши фаъоли танзимгарии давлат дар иқтисоду сиёсат, хизмати иҷтимоӣ ба инкишофи давлати «хайрияи умум» оварда мерасонад.

# 2. Мактабҳои сиёсии ҳозира

Айни ҳол дар сиёсатшиносии муосир чор мактаби сиёсии ҳозиразамон вуҷуд дорад, ки ҳар кадом ба омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ сару кор доранд.

а. Мактаби сиёсии англо-америкоӣ- ба тадқиқи модернизатсиякунонии сиёсӣ ва сиёсати хориҷӣ машғуланд. Намояндагонаш: С. Липсет, К. Райт, С. Ф. Хантингтон, Г. Моргентау, Дж Сартори, Р. Дорендорф.

б. Мактаби сиёсии олмонӣ-ба тадқиқи системаҳои сиёсӣ, масъалаи фаъолиятнамоии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд машғуланд. Намояндагонаш: Г. Майер, И. Филгер.

в.

Мактаби сиёсии францусӣ- ба таҳлили типпологии режимҳои сиёсӣ, қонунӣ будани инфроструктураҳои ҳизбӣ-сиёсӣ сару кор дорад. Намояндагонаш: М. Дюверже, Ж. Бурдо, М. Крозье, Р. Арон.

г.

Мактаби сиёсии лаҳистонӣ (полшагӣ), Намояндагонаш: Вятр, Т. Бодно, А. Боднар, К. Опалэк, Ф. Рышка буда, ба омӯзиши ҳаёти сиёсии ҷамъият, самтҳои асосии демократикунонии системаҳои сиёсӣ машғуланд.

## 2. Марҳилаҳои асосии инкишофи афкори сиёсӣ оид ба ҷомеаи шаҳрвандӣ

Агар ба андешаҳои дар ин хусус ифодакардаи мутафаккирони пешин эътибор диҳем, дарк менамоем, ки пайдоиши «ҷомеаи шаҳрвандӣ» ба замони ҷомеаи ибтидоӣ муттаалиқ будааст. Аз ҳамон вақте ки бар болои ҳокимияти шаҳрвандон одамони ба таври махсус муссаллаҳгашта мебароянд, он ташкили ҷамъиятро ташкилоти сиёсӣ - давлат иваз менамояд. Аз ин рӯ ҷомеаи шаҳрвандӣ гуфта чунин ташкили ихтиёрии аъзоёни ҷомеаро мефаҳмидагӣ шудаанд, ки бидуни маҷбуркунии ҷисмонию ҷазо аъзоёнаш дар ҳаёти ҷомеа нақши асосӣ мегузоштаанд.

Махсусан, файласуфи юнонӣ Афлотун бори аввал дар баробари “давлати сиёсӣ” вуҷуд доштани “ҷоеаи шаҳрвандӣ”-ро эътироф кардааст. Ба андешаи ӯ ҷомеаи шаҳрвандӣ чунин ҷомеае мебошад, ки барои қонеъ кардани талаботи шаҳрвандон хизмат мекунад[1].

Файласуфи дигари юнонӣ Арасту инсонро мавҷуди сиёсӣ, вуҷуде, ки қобилияти фарқ кардани некиро аз бадӣ, адолатро аз беадолатӣ дорад, меҳисобад. Қайд мекунад, ки танҳо ҷамъият шароитро барои такомули инсон муҳайё менамояд. Инсон қодир аст, ки тавассути зиндагӣ дар ҷомеа ба фазилатҳои олӣ нойил гардад. Ӯ мафҳумҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷомеаи сиёсӣ (давлат)-ро аз рӯйи мавҷудияти ҳувиятӣ ва мазмун як мешуморад[2].

1. Платон. Сочинения. В 3-х томах. Т.3. - М.: Мысль, 1971. - 681с.- С.260.
2. Аристотель. Сочинения в 4 т. Т. 4. - М.: Мысль, 1983. - С. 376-644.

Дар асрҳои XV-XVII бо баробари ташаккул ва рушд ёфтани донишҳои илмӣ ва методологияи таҳқиқи масъала аз ҷанбаи назариявӣ ва системанок таҳқиқ кардани падидаи ҷомеаи шаҳрвандӣ, муайян кардани фарқиятҳои мавҷудаи байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ аз мавзуи калидии муҳаққиқони соҳа қарор гирифт. Н. Макиавелли андар боби фарқияти байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар зерманзари муносибат ба ахлоқ ва сиёсат ибрози назар карда, қайд карда буд, ки давлат аз маҷмуи муносибатҳои сиёсӣ иборат буда ва сиёсат муносибати ғайриахлоқӣ аст. Аммо дар тафовут аз он ҷомеаи шаҳрвандӣ маҷмуи муносибатҳои ғайрисиёсӣ буда, ҷавҳари онро ахлоқ ташкил медиҳад ва мувофиқ ба талаботи он давлат бояд ба ҳаёти шахсии шаҳрвандон дахолат накунад, аммо иҷрои уҳдадориҳои шаҳрвандонро назорат барад.

Т. Гоббс маҳз дар рисолаи “Левиофан” тасдиқ намуд, ки одамон табиатан баробаранд. Аз ин сабаб мусовот дар баробарии умедҳо ҷиҳати расидан ба мақсадҳо ба вуҷуд омад. Баъдан нобоварӣ ба ҳамдигар боис гашт, ки рақобат, ҷанг ба муқобили ҳама, ки дар чунин ҷанг ягон амал наметавонад ғайриодилона бошад, шуълаи оташи худро фурӯзон кард. Бо вуҷуди ин, ҳавасҳо вуҷуд доранд, ки одамонро ба сулҳу осоиш мойил мекунанд. Аз ин ҷо Т. Гоббс қонуни табииро коркард карда, менависад, ки «Инсон бояд сулҳро ҷӯяд ва пайравӣ аз он кунад»[1].

1.Гоббс, Т. Сочинения в 2-х томах. Т.2. - М.: Мысль, 1991. - 731с.

Сиёсатшиноси тоҷик Г.Зокиров низ дар боби пайдоиши ҷомеаи шаҳрвандӣ ва тафриқаи он аз давлат таҳқиқот анҷом дода, ба чунин хулоса меояд, ки “Дар аввал мафҳуми мазкурро Т.Гротсий ва Т.Гоббс истифода намудаанд. Мафҳуми “ҷомеаи шаҳрвандӣ”-ро барои ифодаи инкишофи таърихии ҷомеаи инсонӣ, гузариши инсон аз мавҷудоти табиӣ ба ҳолати мутамаддин истифода бурдаанд”.[1] Аз диди муҳаққиқи тоҷик донишмандони аврупоӣ дар аввал мафҳуми “Ҷомеаи шаҳрвандӣ”-ро аз мафҳумҳои “давлат” ё “ҷомеаи сиёсӣ” чандон фарқ намекарданд, аммо дар ягон мавриде “ҷомеаи шаҳрвандӣ”-ро бо мафҳуми “давлат” ба як маъно истифода набурдаанд.

1.Г. Н. Зокиров, Ҷомеаи шаҳрвандӣ [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: «Андеша», 2001. – 31с.

Ба андешаи Г.В.Гегел «Ҷомеаи шаҳрвандӣ як фарқиятест, ки байни оила ва давлат эҷод карда мешавад. Ҳарчанд инкишофи ҷоеаи шаҳрвандӣ нисбат ба рушди давлат дертар шурӯъ мешавад»[1]. Умуман, ҷомеаи шаҳрвандӣ ба фаҳмиши В.Гегел муқобили давлат баромад мекунад, аммо на ба он маъно, ки манфиатҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии он гуногунанд, балки аз рӯйи пайдоиш онҳо куллан иттиҳодияҳои мутлақи одамон мебошанд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ барои манфиатҳои шахсӣ хизмат мекунад, бинобар ин, ҷомеаи шаҳрвандӣ барои мавҷудияти давлат зарур мебошад.

1.Кант, И. Метафизика нравов: В 2 частях [Текст] / И. Кант. – М.: Мир книги, Литература, 2007. - 400с. – С.63.

Дар асоси таҳлилу муқоисаи андешаҳо ва нуктаи назари мухталифи муҳаққиқон метавон натиҷагирӣ намуд, ки имрӯз дар риштаи илмҳои ҷомеашиносӣ андар фаҳмиши илмии мафҳуми “ҷомеаи шаҳрвандӣ”ба чунин консепсияҳои илмӣ дучор омад:

• ҷомеаи шаҳрвандӣ навъи ҷомеаест, ки бар хилофи анархия (анархия аз калимаи юнонии ἀναρχία гирифта шуда, маънои беҳокимиятиро дорад) – ҷомеае, ки дар он давлат ва қонун вуҷуд надорад, баромад мекунад;

• ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷомеаест, ки ба муқобили фаъолият ва назму насақи идораи калисо пайдо шудааст;

• ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷомеаест, ки маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятиро дар бар гирифта, ба давлат муқобил мебошад;

• ҷомеаи шаҳрванди як падидаи наврӯидаест, ки хосси тамаддуни Ғарб мебошад.

Мутафаккири бузурги Олмон И. Кант принсипҳои ҷамъияти шаҳрвандиро чунин муайян намудааст:

а. Озодии ҳар кадом аъзои ҷомеа;

б. Баробарии он ба ҳама касон чун табаа;

в. Мустақилияти ҳар кадом аъзои ҷамъият чун шаҳрванд[1].

1.Основы политологии. М. 1997, стр. 32

Дар таълимоти К. Маркс таҳлилу таҳқиқи ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷои махсус дорад. Бояд қайд намуд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ чун аз ҷониби «ҳаваскорон идора карда мешавад, ё аксаран манфиатҷӯён дар сари онҳо меистанд, ҳолате ба вуҷуд меояд, ки вай ба талаботи ҳаррӯзаи аъзоёнаш ҷавоб дода наметавонад. Дар чунин вазъият зарурати ба роҳи сиёсӣ ба танзим даровардани ҳаёти ҷомеа ба миён меояд. Ҳаминро ба инобат гирифта К. Маркс се хели имконпазирии зиддияти ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлатро нишон додааст:

а. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлатӣ ду артиши ба ҳам душман;

б. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлатӣ ду артиши ба ҳам дӯст;

в. Яке аз артишҳо дар рафти муқобилиятнишондиҳӣ ғолиб омада, артиши дигарро пароканда менамояд.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ–маҷмӯи муносибатҳои ғайрисиёсии шаҳрвандон, асосиатсияҳои дар асоси худфаъолиятӣ, новобастагӣ ва мухторият нисбат ба давлат асос ёфта мебошад.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ дорои таркиби муайян буда, чунин унсурҳо: хоҷагӣ, иқтисодӣ, хешу таборӣ, оилавӣ, этникӣ, динӣ, ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, инчунин муносибатҳои сиёсии байни фардҳо ва субъектҳои аввалини ҳокимият, хизбҳо, гурӯҳҳои манфиатҳоро дар бар мегирад.

Муаллифи китоби дарсии «Асосҳои сиёсатшиносӣ» (Основы политологии) В.А. Мальцев (М. 1997) аломатҳои ҷомеаи шаҳрвандии инкишофёфтаро чунин арзёбӣ кардааст:

а. Мавҷудияти моликияти хусусии дар ихтиёри одамон (фардҳо ё коллективҳо) буда, шароити базавии озодии шахс аст.

б. Дар ҷомеа вуҷуд доштани сохтори инкишофёфта ва гуногуни иҷтимоие, ки боигарӣ ва гуногунии манфиатҳои гурӯҳҳою табакаҳоро ифода менамояд, дорои демократияи инкишоёфта ва сегона аст

в. Инкишофи баланди оқилию руҳии аъзоёни ҷомеа, қобилияти мустақилона ба ин ё он институти ҷомеа дохил шудан, таъмини қонун, яъне амал намудани давлати ҳуқуқӣ дар он таъмин аст[1].

1.В. А. Мальцев Основы политологии: Учебник для студ. вузов.– 4–е, изд,. дораб..–. М.: ИТРК, 2002.– 542 с.

Сиёсатшиноси тоҷик Гулмаҳмад Зокиров бошад дар китоби «Ҷомеаи шаҳрвандӣ» Чунин принсипҳои асосии фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандиро пешниҳод намудааст:

а. Баробарии ҳуқуқ ва озодиҳои тамоми одамон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа;

б. Ҳимояи кафолатнокӣ – юридикии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд дар заминаи қонунҳое, ки дар тамоми ҷомеаи башарӣ эътибор доранд;

в. Ҳатмӣ будани банизомории муносибатҳои байниҳамдигарии унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ;

г. Тавассути ҳуқуқи табиии онҳо ба ҳаёт, озодӣ, хушбахтӣ ташаккули низоми чунин ҳимоя ва амали он;

д. Имконияти кафолатноки муттаҳид гаштани одамон новобаста ба он мансубиятҳои иҷтимоӣ дар ҳаёти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ аз рӯи манфиат ва аломатҳои касбӣ;

е. Озодии шаҳрвандон дар ташаккули ҳизбҳо ва ҳаракатҳои иҷтимоӣ (шаҳрвандӣ);

ё. Озодии ташаккул ва фаъолияти воситаҳои ахбори умум берун аз ҳудуди сензураи давлатӣ. Фақат қонун ҳуқуқи маҳдуд намудани воситаҳои ахбороти умумро дорад;

ж. Амали механизме, ки муносибатҳои байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро муътадил мегардонад (консенсус), таъмини беҳтарини ташаккули ҷомиаи шаҳрвандӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ;

з. Худидорӣ дар ҳамаи соҳаҳо ва сатҳи ҳаёти ҷамъиятӣ.[1]

1. Г. Н. Зокиров, Ҷомеаи шаҳрвандӣ [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: «Андеша», 2001. – 31с.

**Принсипҳои доимамалкунанда дар ҷомеаи шаҳрвадӣ:**

- Воқиф будани мардум аз фаъолияти давлат ва ҷамъият.
- Озодии ташаккули афкори ҷамъиятӣ.
- Истиқлолияти халқӣ, волоият ва ҳокимияти комили халқӣ.

- Адолатнокии қонун ва иҷрои ҳатмии он.
- Озодии инфиродӣ ва мустақилияти шахсият.
- Моликияти хусусӣ бар воситаҳои истеҳсолот.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар асоси худфаъолиятӣ ва ё ташаббуси соҳибкорону соҳибони молу мулк ташаккул меёбанд, аз рӯи манфиатҳо бояд:

а. Ҳуқуқ ва манфиатҳои корхона ва муассисаҳои ба он иттиҳодия, ё асотсиатсия дохилшавандаро дар ҳама сатҳи мақомоти давлатӣ ҳифз намояд;

б. Мавқеи онҳоро дар бозори дохилию хориҷӣ мустаҳкам созад;

в.

Барои рақобати озоду софдилона, амалисозии қонуни зидди инҳисорӣ назорати ҷамъиятӣ ташкил кунад;

г.

Дар доираи иттиҳодияҳои хоҷагӣ ва тиҷоратӣ фаъолият намояд;

д.

Тахассуси касбӣ ва меҳнатии соҳибкоронро такмил диҳад.

Унсурҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар таърихи қадими ҳамаи халқҳо мушоҳида намудан мумкин аст.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ

Соҳаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таркибҳои онҳо

**Соҳаҳои иқтисодӣ**

Ҷамъиятҳои аксионерӣ, коллективҳои пудратӣ, кооператсияҳо

**Соҳаи сиёсӣ – иҷтимоӣ**

Оила, ташкилот ва ҷунбишҳои умумӣ, ташкилоти худидоракунӣ дар ҷои зист ё коллективҳои меҳнатӣ, муассисаҳои ғайридавлатии ахбори умум

Соҳаи маънавӣ

Озодии сухан, моликият ва соҳибихтиёрии иттиҳодияҳои илмию эҷодӣ[1]

1.Хуморов, Д. М., С. М. Авғонов, З. Ҳ. Каримова, ва Б. А. Хусейнов. Сиёсатшиносӣ. Душанбе: Ирфон, 2016- С.250

Сиёсатшиносии муосир рафти пайдоиш, барқароршавӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро ба се сабаб вобаста медонад.

а) Ба пайдоиши моликияти хусусӣ, дар шаклҳои гуногунаш, ки ҳар кадом моликият мувофиқи миқдору андозаи моликияташ фоида ба даст меоранд. Ба хотири аз даст надодани моликияту аз манбаи зиндагӣ маҳрум нашуданашон дар рафти рақобат ё аз ҷониби давлат ё ба ҳам ихтиёран муттаҳид мешаванд.

Ба моликияти хусусӣ бошад корхонаҳои хусусӣ (саноатӣ, савдо, хоҷагии қишлоқ ва соҳаи канданиҳои фоиданок) замин, амволи ғайриманқул, коғазҳои қимматноки фоидаоваранда, маблағҳои фоидаовар, моликияти зеҳнии нависандагон, мусиқанигорон, ихтироъкорону кормандони соҳаи илм дохил мешаванд.

б)

Онро ба бозори озоди иқтисодӣ вобаста донистa таъкид менамоянд, ки дар ҷомеаи демократӣ ба ғайр аз озодиҳои дигар, озодии хоҷагидориро низ таъмин менамояд. Ҷонибдорони ин бар он ақидаанд, ки танҳо иттиҳоди соҳибкорон, ё ин ки ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ ин вазифаро осон карда метавонад.

в)

Зарурияти пайдоиш ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ аз он хотир аст, ки давлати демократӣ бояд некӯаҳволии шаҳрвандонро таъмин намояд.

Аммо манфиатҳои гуногун он қадар бисёранд, ки давлат ҳамаи онҳоро ба ҳисоб гирифта наметавонад. Масъалаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳануз аз ҷониби мутафаккирони дунёи қадим ба миён гузошта шуда бо мурури инкишофи андешаҳои сиёсӣ ҷиҳат ва паҳлӯҳои гуногуни он ҳаматарафа таҳлил карда шудаанд.

Муалифони китоби дарсии «Политология» дар зери таҳрири Василик М. 2004 чунин аломатҳои хоси ибтидоии ҷомеаи демократии шаҳрвандиро нишон додаанд.

а) Ибтидои демократии ҷомеаи шаҳрвандӣ.

- дастгирии ҳуқуқи табиии инсон барои ҳаёт ва фаъолияти озод;
- эътирофи баробарҳуқуқии ҳама дар назди қонун;

1. Василик М. А. Политология — М.: Гардарики, 2000. — стр. 18-19

ба шуури ҷамиятии одамон ворид шудани ғояи адолати иҷтимоӣ;

механизмҳои дастгирикунандаи идоракунии ҷамъиятие, ки баробарии имкониятҳои нобаробари субъектҳои иҷтимоӣ кафолат дода шуда, ҳимоя мегарданд;

тақсими ҳокимият ва ташаккули давлати ҳуқуқбунёд асоснок карда мешавад.

б)

Соҳаи иқтисодии ҷомеаи шаҳрвандӣ.

Барои барпо намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ пеш аз ҳама давлат бояд ҳавасманд бошад, чунки вай на ҳамеша имконияти дар сари вақт ҳаллу фасл намудани мушкилоти шаҳрвандро дорад. Унсурҳои муҳими иқтисодии ҷомеаи шаҳрвандиро муассисаю корхонаҳои ғайридавлатӣ ташкил медиҳанд. Масалан, ҷамъиятҳои аксионерӣ, коллективҳои иҷоравӣ, корпоратсияҳо, иттиҳодиятҳои ихтиёрии шаҳрвандон, ки бо ташаббуси худсохтаанд.

в)

Соҳаи иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеаи шаҳрвандӣ.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ бе оила, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва ҳаракатҳои мардумӣ, ташкилотҳои худидоракунӣ дар маҳалҳо, коллективҳои меҳнатӣ, воситаи ахбори умуми ғайридавлатӣ вуҷуд дошта наметавонад. Аз ин хотир, баланд бардоштани нақшҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ имкон медиҳад, ки онҳо дар ҳаллу фасли

Ниҳоят, ҳамаи ин вижагириҳо ифодакунандаи он маъно мебошанд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ - ҷомеаи ҳуқуқӣ, демократӣ, гуманистӣ ва сулҳдӯстона маҳсуб ёфта, дар он роҳёбии ҳар гуна навъи зӯрӣ ба шахсият ҷой надорад. Баръакс, дар он ҷомеа принсипҳои адолат, баробарӣ риоя карда шуда, ҳуқуқ ва озодҳои инсон пурра ҳифз карда мешаванд. Дар асоси ин таҳлилу баррасиҳо месазад зикр кард, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ дорои вазифаҳои мушаххас мебошад:

- ҳифзи соҳаи хусусии ҳаёти одамон;
- риоя ва назорати ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии давлати ҳуқуқбунёд ва тақсими ҳокимият;
- муътадил нигоҳ доштани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва равандҳо, таъмини тавозун байни соҳаҳои давлатӣ ва молиявии ҷомеа;
- ҳимояи манфиатҳои ҷамъиятӣ;
- бурдани муборизаи созишоваранда барои дар ҳаёт татбиқ кардани принсипҳои конститутсионии давлати ҳуқуқбунёд;
- роҳ надодан ба зуҳури амалҳои коорупсионӣ дар ҷомеа ва ғайра.

Имрӯз маълум аст, ки бе дастгирию ғамхории ҳамаҷонибаи илму маориф дар ҳеҷ ягон ҷабҳа ба муваффақияти назаррас ноил шудан мумкин нест. Аз ин хотир, барои барпо намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ таълим дар ҳама зинаҳои маълумотгирӣ бояд барои инкишофи зеҳнии мардум мусоидат намуда, шуури сиёсию ҳуқуқии онҳо боз ҳам бештар ривоҷ дода шавад. Танҳо доштани фарҳанги солими сиёсию ҳуқуқӣ метавонад ҷомеаро барои худидоракунӣ омода созад.

## Адабиёт


1. Max Weber.” The Economist, January 9, 2009. Accessed September 25, 2025. https://www.economist.com/news/2009/01/09/max-weber
2. Антанович, Н. А., и И. В. Суздалева. 2005. Политология: учебное пособие. Москва, 2005- стр.40–41
3. Платон. Сочинения. В 3-х томах. Т.3. - М.: Мысль, 1971. - С.260.
4. Аристотель. Сочинения в 4 т. Т. 4. - М.: Мысль, 1983. - С. 376-644.
5. Зокиров Г.Н., Ҷомеаи шаҳрвандӣ [Матн] / Г. Н. Зокиров. – Душанбе: «Андеша», 2001. – 31с.
6. Кант И. Метафизика нравов: В 2 частях [Текст] / И. Кант. – М.: Мир книги, Литература, 2007. - 400с. – С.63.
7. Мальцев, В. А. Основы политологии: учеб. для вузов. Москва: ИТРК РСПП, 1997.
8. Мальцев, В. А.  Основы политологии: Учебник для студ. вузов.– 4–е, изд,. дораб..–. М.: ИТРК, 2002.– 542 с.
9. Хуморов, Д. М., С. М. Авғонов, З. Ҳ. Каримова, ва  Б. А. Ҳусейнов. Сиёсатшиносӣ. Душанбе: Ирфон, 2016- С.250
10. Василик, М. А. Политология. Москва: Гардарики, 2000, стр.18–19.
11. Маҳмадов, А. Н. Сиёсатшиносӣ: Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Душанбе: Ирфон, 2010. – С. 288

Ташаккури зиёд!